«Тасдиқ мекунам»

ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илми таърих, профессор_____Ибодуллозода А.И.

«21» 06 2022.

ХУЛОСАИ

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба рисолаи диссертатсионии докторант (PhD) Мерганзода Манучеҳри Бекназар дар мавзуи «Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501–Адабиёти тоҷик)

Диссертатсия дар мавзуи «Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ» дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Дар давоми омодасозии диссертатсия (2016-2019) Мерганзода Манучеҳри Бекназар докторанти (PhD) кафедраи назария ва таърихи адабиёт Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон буда, аз соли 2014 то соли 2021 дар Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва аз соли 2021 инҷониб, дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ кору фаъолият дорад.

Мерганзода М.Б. соли 2013 зинаи бакалавр ва соли 2015 зинаи магистратураро дар факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз рӯйи ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Роҳбари илмӣ – Саидов Саидраҳмон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии моӯзгории Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 27.01.2017, таҳти №6/8.1. тасдиқ гардидааст.

Ба докторант (PhD) аз ҷониби шуъбаи докторантураи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2021 маълумотномаи №04/229 дар бораи хатми зинаи докторантура дода шудааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:

Таркиби рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст.

Таҳқиқу пажуҳиши таърихи адабиёти форсу тоҷик ва гузаштаи пурифтихори тоҷикон аз ҳар ҷиҳат барои пажуҳишгарону алоқамандони адабиёти форсии тоҷикӣ ниҳоят муҳиму зарур арзёбӣ мегардад. Махсусан, адабиёти нимаи дуюми асри XI ва нимаи аввали асри XII аз адабиёти асрҳои гузашта ва минбаъдаи он бо мухтассоти худ фарқ мекунад ва онҳоро аз нигоҳи шакл, муҳтаво, ҳунари суханофаринӣ айнан якранг шуморидан нодуруст аст. Пажуҳиш ва таҳқиқи жанрҳои адабӣ ва хусусияти онҳо, авзони жанрҳои адабӣ ва интихоби шуаро аз онҳо, қофия ва анвои он, корбурди радиф, забон ва сабки баёни шоирон, санъатҳои бадеӣ ва арзиши назариявию амалии онҳо аз аҳамият холӣ наҳоҳад буд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ кори муҳим ва саривақтӣ маҳсуб ёфта, жанрҳои ғиноӣ, авзон ва интихоби шоир аз онҳо, қофия ва анвои он, корбурди радиф, забон, сабки баён ва санъатҳои бадеӣ аз масъалаҳои асосию меҳварии таҳқиқи диссертант мебошанд. Бо вуҷуди ин, паҳлуҳои мухталифи

рӯзгору осор ва саргузашти фоҷиавии Адиб Собири Тирмизӣ, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии нимаи дуюми асри XI ва ибтидои аввали асри XII, таҳқиқу таркиби жанрии нашрҳои муосири девон, мақоми ҳунарӣ ва навовариҳову ибдооти шоир мавриди таҳқиқу баррасии қарор гирифтаанд. Умуман, дар адабиётшиносии тоҷик рӯзгор ва осори Адиб Собири Тирмизӣ аз дидгоҳи идеологияи сиёсии даврони Шуравӣ таҳқиқ шудааст, ки таҷдиди он яке аз муҳиммиятҳои дигари рисола мебошад.

Мусалламан, масъалаи вазн, қофия ва радифи шеър дар таҳқиқоти адабиётшиносони классику муосир ва пажуҳишгарони русу аврупоӣ ба таври ҷудогона ва зимнан баррасӣ шудааст, вале дар ҳеҷ кадоми онҳо вазну қофия ва радифи ашъори Адиб Собири Тирмизӣ бо мухтассоти худ таҳлилу таҳқиқ нагардидааст. Поэтикаи осори шоир аз мавзуъҳои ҷадиду муаррифӣ нашуда буда, пажуҳиши он ибтикороту навоварӣ ва ҳунару маҳорати эҷодии ӯро дар таърихи адабиёти тоҷик муайян месозад ва таҳқиқи ҷомеи он кори арзишманду муҳим маҳсуб меёбад.

Диссертант таҳқиқоти диссертатсиониро бар пояи усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили назарӣ ва амалӣ, таҳлили оморӣ, муқоисавӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-татбиқӣ анҷом дода шуда, дар мавридҳои зарурӣ аз усулҳои шарҳу тавзеҳ низ истифода намудааст.

Зимни таҳқиқу пажуҳиши масъалаҳои мазкур дастовардҳои илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла, В.В. Бартолд, А.Е. Кримский, Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, Э. Браун, Я. Рипка, Ҳ. Эте, С. Айнӣ, Х. Мирзозода, А. Абдуллоев, С. Саъдиев, М. Шаҳристонӣ, Саид Нафисӣ, Бадеуззамон Фурӯзонфар, Забеҳулло Сафо, Алии Қавим, Аҳмадризо Ялмаҳо, Муҳаммад Алии Носеҳ, ки дар бораи ҳаёту фаъолият ва баъзе хусусиятҳои осори Адиб Собири Тирмизӣ дар мақола, китобу рисолаҳои хеш иттилоъ додаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Диссертант нахустин маротиба масъалаи баҳру авзони қасида, ғазал, қитъа, таркиббанд, рубоӣ, қофия, радиф, сохту устухонбандии қасидаҳо, мамдуҳон, таркибии жанрии девон, забон ва сабки баён, санъатҳои бадеиро ба таври густурда ва ҷамъбастӣ дар мисоли осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ таҳқиқу баррасӣ ва муайяну мушаххас кардааст, ки навовариҳои илмии диссертатсия маҳсуб меёбанд.

Диссертант барои пурра ва муайяну мушаххас гардидани аксари масъалаҳо, аз ҷумла баҳру авзон, қофия ва радиф тавассути ҷадвалҳои ҷудогона басомади онҳоро нишон додааст, ки бозёфтҳои тозаи илмии диссертатсия мебошанд.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, илми адабиётшиносӣ ва бахшҳои он, махсусан нақди адабӣ, сабкшиносӣ, назмшиносӣ, каломи бадеъ, таълиф ва мураттаб сохтани дастуру китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, суханрониҳо аз таърихи адабиёт дар макотиби миёна ва олӣ, таълифи рисолаҳои илмӣ ва ғайра истифода кард.

Маводи рисола ва натиҷаҳои он метавонанд, дар шинохт ва муаррифии рӯзгор ва осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ чун марҷаи илмӣ мавриди истифода қарор гирад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои солонаи илмию назариявии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар маҷмуаҳои илмӣ нашр гардидаанд, ифода ёфтааст.

А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

1. Мерганзода М.Б. Санъати ташбеҳ дар ашъори Адиб Собири Тирмизӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).-Душанбе: Маркази табъу нашр ва баргардон, 2017.-№4/6.- С.195-198.
2. Мерганзода М.Б. Авзони қасоиди Адиб Собири Тирмизӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (маҷаллаи илмӣ).-Душанбе: ДДОТ, 2019.-№3.- С.129-137.
3. Мерганзода М.Б. Қофия ва анвои он дар осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).-Душанбе: Маркази табъу нашр ва баргардон, 2020.-№1.- С.83-89.
4. Мерганзода М.Б. Мавқеи радиф дар осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).-Душанбе: Маркази табъу нашр ва баргардон, 2021.-№1.- С.127-135.
5. Мерганзода М.Б. Таҳқиқи мамдуҳони қасоиди Адиб Собири Тирмизӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).-Душанбе: Маркази табъу нашр ва баргардон, 2022.-№5.- С. 259-266.
6. Саидов С., Мерганзода М.Б. Бадеияти қасидаҳои Адиб Собири Тирмизӣ // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ). – Душанбе: Дониш, 2022. – №3. – С. 155-166.

Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо нашр шудаанд:

1. Мерганзода М.Б. Забон ва сабки баёни Адиб Собири Тирмизӣ // Масъалаҳои адабиётшиносӣ (маҷмуаи илмӣ).-Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022.-№1.- С.181-183.
2. Мерганзода М.Б. Мавқеи санъати илтизом дар қасоиди Адиб Собири Тирмизӣ // Масъалаҳои адабиётшиносӣ (маҷмуаи илмӣ).-Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022.-№1.- С.184-186.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Мерганзода Манучеҳри Бекназар дар мавзуи “Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ” ба талаботи

Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 15 нафар, “бетараф” – 0 нафар, “муқобил” – 0 нафар, суратҷаласаи №12, аз 21 июни соли 2022

Раиси ҷаласа, доктори илми
филология, профессор,
мудири кафедраи назария
ва таърихи адабиёт — Солеҳов Ш.А.

Котиби ҷаласа, номзади
илми филология, дотсенти
кафедраи назария
ва таърихи адабиёт — Шоев А.А.

Имзои Ш. А. Солеҳов ва
А.А. Шоевро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.